# Усули роҳбарӣ дар Қуръони Карим

Сафармурод Ҳусейн

مشخصات کتاب
نام کتاب: اصول رهبری در قرآن کریم
نویسنده: صفرمراد حسین
ناشر: انتشارات ...
ناظر: تشکل علمی پژوهشگران آسیای مرکزی
نوبت چاپ: اول ۲۰۲۳
تعداد چاپ: ۳۰۰ عدد
ISBN ....
Мушаххасоти китоб
Номи китоб: Принсипҳои роҳбарӣ дар Қуръони Карим
Нависанда: Сафармурод Ҳусейн
Ношир: Интишороти ....
Навбати чоп: аввал (2023)
Адади нашр: 300 нусха
ISBN: ....
Ҳадя: 100с.

# МУНДАРИЧА

Сарсухан ....................................................................................7
1. Мафҳуми роҳбарӣ ....................................................................10
2. Тафовути роҳбарӣ бо мудирият ...........................................12
3. Назарияҳои роҳбарӣ ...............................................................16
**3.1. Назарияҳои хусусиёти фардии роҳбар ..............................16**
**3.2. Назарияҳои рафтории роҳбарӣ ............................................19**
**3.3. Назарияҳои иқтизоии (эҷобии) роҳбар ................................23**
**3.4. Назарияи роҳбарӣ дар Қуръон ...............................................24**
4. Унсури роҳбарӣ ........................................................................28
5. Усули роҳбарӣ дар мудирият ...................................................29
**5.1. Асли қудрат дар роҳбарӣ .........................................................30**
**5.1.1. Манобеъ ва ақсоми қудрат дар роҳбарӣ ...........................31**
**5.1.2. Қудрат аз нигоҳи Қуръон ...................................................33**
**Ҷамъбандӣ ....................................................................................47**
**5.2. Асли ангезиш (Motivation) .......................................................48**
**5.2.1. Мафҳуми ангезиш ..................................................................48**
**5.2.2. Назарияҳои ангезиш ..............................................................50**
**5.2.3. Ангезиш дар мудирият ва роҳбарии исломӣ .......................54**
**5.2.4. Ангезиш дар маҷмӯаҳои инсонӣ ...........................................59**
**5.2.5. Усули ангезиш ..........................................................................61**
5.2.5.1. Асли таъйини ҷаззобияти ҳадафҳо ..................................61
5.2.5.2. Асли ташвиқ ва танбеҳ ........................................................62
5.2.5.3. Асли боварҳои динӣ .............................................................66
**Ҷамъбандӣ ....................................................................................67**
Ҷамъбандӣ ..................................................................................69
Адабиётҳо ....................................................................................71

# Сарсухан

Пас аз барномарезӣ ва созмондиҳӣ қадами баъдӣ фароҳам кардани сабабҳое аст, ки аъзои созмонро дар ҷиҳати ҳадафҳои он ба фаъолият ва ҳаракат дароварад. Ин вазифа бо истилоҳоти гуногун тавсиф шудааст: фармондеҳӣ, ҳидоят, ангезиш ва роҳбарӣ. Ин вазифа ба ҳар номе, ки хонда шавад, лозимаи кор ва рафтори мустақим бо инсонҳо аст.

Мудирият умуман аз се буъди фаннӣ (вазифаҳо) идрокӣ (рафтор ва фарҳанги созмонӣ) ва инсонӣ (мудирияти манобеи инсонӣ) мавриди таваҷҷӯҳ қарор мегирад. Буъди идрокӣ марбут ба рафтори созмонӣ ва нақши корбурдии инсон дар созмон мебошад (Баруманд, с: 4) ки ба маънои роҳбарӣ истеъмол мешавад.

Ҳадаф аз роҳбарӣ дар мудирият, роҳнамоии зердастон дар ҷиҳати беҳтар фаҳмидани ҳадафҳои созмон ва барангехтани онҳо ба кор ва фаъолияти муассир аст. (Алоқабанд, с: 31).

Роҳбарӣ водор намудани дигар афрод ба анҷоми он чизе аст, ки роҳбар хоҳони иҷрои он аст. Ба таври

мисол ҳар гоҳ роҳбар бихоҳад, ки тамоми афрод дар интихобот ширкат намоянд, тавоноии ба пои сандуқи раъй бурдани ин афродро роҳбарӣ меномем. Як роҳбари муваффақ роҳбарест, ки метавонад беҳтарин талошҳо ва кӯшишҳои дигаронро дар ҷиҳати хостаи худ барангезад ва таҳрик намояд. (Писаронқодир, с: 12).

Буъди роҳбарии мудирият, масъалаи маънавӣ-фарҳангӣ ва ахлоқӣ аст, ки бояд дар як мудир хоҳ нохоҳ таҷаллӣ пайдо карда бошад. Роҳбариро метавон ҷазаба ва ҳолати маънавии фард донист, ки ӯро нисбат ба дигарон фарқ мегузорад. Бинобар ин нуфӯзи роҳбариро низ бояд қудрати калом, рафтор ва сулуки мудир донист, ки зердастонро ба таври нохудогоҳ маҷзуб ва масҳур мекунад. (Баротӣ Алавиҷа, с: 186).

Дар мабҳаси вазифаҳои мудирон дар созмон, миёни донишмандон ҳамон гунае, ки қаблан ҳам борҳо гуфта шуд баҳс аст, ки мудирон чӣ вазифаҳое доранд. Дар ин ки мо дар ин китоб чаҳор вазифаи мудиронро баррасӣ мекунем, баъзе аз нависандагони китобҳои мудирият ба ҷои истифода аз роҳбарӣ дар севумин баҳси вазифаҳои мудирият аз дигар вожагоне ҳамчун ҳамоҳангӣ, ҳидоят ва иртиботот баҳс кардаанд.

Бинобар ин баъзе гуфтаанд: пас аз тадвини барномаи равшан ва созмондиҳии ташкилоти муназзам, замина барои иҷрои амалиёт омода мешавад ва мудир метавонад бар иҷрои амалиёт назорат намуда ва коркунонро ҳидоят намояд. Дар

ҷараёни ҳидоят таваҷҷӯҳ ба ниёзҳои равонӣ ва иҷтимоии коркунон ва ҷалби мушорикати онҳо зарурӣ аст, то ба ин тартиб ҳамоҳангии манофеи созмон ва коркунон низ таъмин шавад. (Давлатӣ, с: 92).

Ба назар мерасад, бо шарҳе, ки аз ин назария ба даст меояд ва он ин ки дар ҳидоят таваҷҷӯҳ ба ниёзҳои равонӣ ва иҷтимоии коркунонро лозим донистааст, шомили як навъ таърифи роҳбарӣ мебошад, ки дар иртибот бо хусусиёти фикрӣ ва равонӣ, ки аз яке аз таърифҳои роҳбарӣ ба даст меояд, мешавад.

Ба назари баъзе дигар, ҳидоят доираи васеътаре дошта: роҳбарӣ, ангезиш ва иртибототро аз шохаҳои ҳидоят донистаанд. (Ризоиён, с: 200).

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки дар мабҳаси роҳбарӣ ду навъ роҳбарӣ вуҷуд дорад:

*А: роҳбарии омма:* роҳбарии омма болотар аз мабоҳиси мудирият ва ғайри он аст. Баҳси ҷиҳатдиҳӣ ва роҳнамоӣ ва нақшаи кулли роҳро нишон додан ва аз ин қабил корҳо мебошад. Бар хилофи мудир, ки чархонандаи созмон дар чаҳорчуби усули куллӣ ва чашмандозҳои роҳбарӣ аст (тақрибан монанди роҳбар ва раисиҷумҳур).

Он чӣ аз оятҳо ва ривоятҳо дар заминаи роҳбарии омма ба даст меояд, вазифаи роҳбарии омма иборатанд аз:

А: вазифаҳои мудириятӣ: ки дарбаргирандаи вазифаҳое аз қабили таъйини сиёсатҳои куллӣ,

шоистасолорӣ, инзиботи идорӣ, назорат ва бозрасӣ ва сиёсатҳои ташвиқӣ ва танбеҳӣ мебошанд.

Б: вазифаҳои динӣ ва фарҳангӣ.

В: вазифаҳои иқтисодӣ.

Г: вазифаҳои иҷтимоӣ.

Д: вазифаҳои сиёсӣ ва қазоӣ. (Ҷавон Ороста, 1381 с: 35).

*Б: роҳбарии хосса*: роҳбарии хосса, ки иборати дигари он ҳамоҳангӣ аст, аз вазифаҳои як мудир ба ҳисоб меояд. Дар ин навиштор манзур аз роҳбарӣ, роҳбарӣ ба маънои хосси он, ки яке аз вазифаҳои мудирон мебошад, мавриди назар аст, ҳар чанд мабоҳиси муштарак байни ду навъи роҳбарӣ вуҷуд дорад, монанди: вижагиҳои роҳбарӣ, вазифаҳои як роҳбар имтиёзоти роҳбар аз мудир ва дигар мабоҳис. Дар ин навиштор ба бархе аз ин мабоҳис ишора хоҳад шуд.

Дар мабҳаси роҳбарӣ дар мудирият чандин баҳсро донишмандони ин илм муҳим донișта ва аз онҳо дар зайли роҳбарӣ баҳс кардаанд, ки иборатанд аз: ҳидоят, ангезиш, иртиботот, ҳамоҳангӣ, хусусиёт ва вижагиҳои роҳбарӣ, шеваҳои роҳбарӣ, назарияҳои роҳбарӣ, ва сабки роҳбарӣ, ки бархе аз ин унвонҳо бо як маъно ва корбурд истифода мешаванд. Бинобар ин мо низ ба баррасии бархе аз ин мавзӯот мепардозем.

## 1. Мафҳуми роҳбарӣ

Агар бихоҳем таърифи ҷомеъ ва чакидае аз теъдоди бешумори таърифҳое, ки дар бораи роҳбарӣ вуҷуд дорад, дошта бошем, метавонем онро фароянди